**Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-019**
**назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон**
**(734025, ш.Душанбе, к.Буни Хисорак, бинои 11)**

# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниход шудааст.** Диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси **5.5.9.** Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст ба фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» ба яке аз масъалаҳои мубрам ва маркази мурофиаи судии ҷиноятӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти илмӣ бо назардошти тағйиротҳо ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунҳо, натиҷаҳои амалишавии барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сурат гирифтааст.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ муқаррароти конститутсиониро дар бораи ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҳимоя ва дастрасӣ ба адолати судӣ таъмин намуда, онҳоро бо роҳи муқаррар намудани маҷмуи кафолатҳои мурофиавӣ мушаххас мекунад. Ноил шудан ба адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон аз таҷовузҳои ҷинояткорона танҳо бо риояи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ имконпазир аст.

Бинобар ин, танзими ҳуқуқӣ ва ҳалли мушкилоти дар амалия ҷойдошта, роҳҳои ноил шудан ба ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, таъмини кафолатҳои мурофиавӣ, таҳқиқоти комплексии илмии сифатан нави ин мавзуро дар марҳилаи муосир ба миён овардааст. Дар таҳқиқотҳои илмӣ ва назарияи мурофиаи ҷиноятӣ масъалаҳоеро, ки ба риоя ва иҷрои шартҳои умумии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ алоқамандӣ доранд, сабаби хатогиву камбудиҳои дар амалия ҷойдошта, роҳҳои бартараф карда шудани онҳо ба таври умумӣ, аз назари таълимӣ, оморӣ, ҳисоботӣ ё дар муқоиса номбар шудаанд, ки нокифоя аст.

Аз ин ру, таҳқиқоти комплексию илмии муаллиф оид ба моҳият, мазмун, аҳаммияти мурофиавӣ, хусусиятҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, танзими ҳуқуқии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, муайян намудани сабаб ва омилҳои риоя нашудани онҳо, бо назардошти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалияи татбиқи он, таъмини кафолатҳои мурофиавӣ ва амалишавии адолати судӣ муҳим ва мубрам мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки мубрамии таҳқиқи мавзуи интихобгардида бо омӯзиши амалияи судӣ низ асоснок мегардад. Рисоланавис масъалаҳои аҳаммиятноки баррасии судии парвандаҳои ҷиноятиро дар амалия мавриди омӯзиш қарор дода, хулоса ва пешниҳодҳои муаллифонаро ҷиҳати риояи дақиқи шартҳои баргузории муҳокимаи судӣ асоснок менамояд.

Дар тадқиқоти илмӣ шурӯъ аз таҳлили мухтассари зинаҳои таърихии ташаккулёбии шарту қоидаҳои мурофиавӣ, муқоисаи онҳо бо қоидаҳои муосири ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, ки ҳамакнун аз арзиши олӣ эътироф шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд

сарчашма мегиранд, амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар таъмини адолати судӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад.

Дар қисматҳои рисолаи мазкур таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ вобаста ба марҳилаҳои мурофиави судӣ ва амалишавии функсияҳои мурофиавӣ, тартиби ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиавии ҷиноятӣ , бо назардошти танзими ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ, аз нуқтаи назари таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ таҳлил карда мешаванд.

Талабот ба такмил дода шудани танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти судӣ дар асоси мубоҳиса ва баробарии тарафҳо муосидат мекунад, мубрам боқӣ монда, дар маркази таҳқиқот қарор гирифтаанд, ки натиҷаҳои он аҳаммияти назариявӣ ва амалиявӣ дорад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Қаҳорзода Н.М., аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мубрам ба шумор меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Қаҳорзода Н.М., рисолаи мустақили илмӣ-тахассусӣ арзёбӣ гардида, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маротиба дар доираи меъёрҳои КМҶ ҶТ масъалаҳои назариявӣ, танзими меъёрӣ ва амалии шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст, ки натиҷаи он баҳри такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвар ва амалияи судӣ мусоидат карда, дар илми мурофиаи ҷиноятӣ самти нави пажуҳиши илмиро кашф намудааст. Бо вуҷуди васеъ будани доираи масоили мавзуи таҳқиқгардида муаллиф тавонистааст, ки муаммоҳои дар назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия ҷойдоштаро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, пешниҳодҳои асосноки худро манзур намояд. Навгониҳои илмӣ шаҳодати натиҷаи таҳқиқоти анҷомёфта дар доираи рисолаи илмӣ мебошад.

Муаллиф асоснок менамояд, ки таъмини адолат - ҳадаф ва мазмуни мурофиаи судиро ташкил дода, минбаъд самти ташаккули ҳуқуқро муайян

намуда, онро то сатҳи фарҳангӣ ва меъёрҳои расмии ҳуқуқии мурофиавӣ манзур намудааст.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот муайян кардааст, ки дар амалияи судӣ бинобар ҷой доштани ихтилофи баъзе аз меъёрҳои мурофиавӣ, нуқсони меъёрӣ дар матн ва мазмуни қоидаҳои мурофиавӣ, инчунин якхела ва дақиқ риоя, иҷро ва татбиқ нашудан ё нодурусту ғалат амалӣ шудани қоидаҳои муқарраркардаи қонунгузории миллӣ, ҳимояи пурраи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо ғайриимкон мегардад ё онҳо дучори маҳдудиятҳои беасос мешаванд, ки барои воқеан таъмин гаштани принсипҳои конститутсионии ба ҳама дастрас будани ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳои муҳокимаи судӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад.

Бинобар ин, муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки масъалаҳои таъмини имкониятҳои иштироки тарафҳоро дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ, риоя шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, таносуби мурофиаи ошкоро, пӯшида ва ғоибонаи баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ, аҳаммияти муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавиро дар ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи ҳукм мавриди таҳлили ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти фарогири илмӣ қарор диҳад.

Ақидаи саҳеҳ, қобили қабул ва ҳадафраси муаллиф дар робита ба риоя гардидани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ шоистаи таҳсину дастгирист.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулосаҳои назариявие, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур манзур шудаанд, дар пешрафти илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан ҳангоми баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод менамояд ба такмили асосҳои назариявии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, татбиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, таҳкими қонуният ва таъмини адолат ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат намуда, аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиву таълимӣ дошта, роҳҳои нави ҳалли мушкилоти мавҷудаи адлияи ҷиноятиро асоснок

менамояд. Зиёда аз ин, маводи диссертатсияи мазкурро дар раванди омӯзиши фанҳои «Мурофиаи ҷиноятӣ», «Расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ», «Адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Назорати прокурорӣ», аз ҷумла курсҳои махсуси «Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ», «Мавқеи ҳимоятгар дар мурофиаи ҷиноятӣ» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, хулоса ва пешниҳодҳои алоҳидаи он, ки дар диссертатсия инъикоси худро ёфтаанд, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти тафтишотию судӣ, инчунин ҳангоми кор карда баромадани маводҳои илмӣ-методӣ аз ҷониби муҳаққиқон, устодон ва донишҷӯёни мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба мавзуи диссертатсия ва муҳтавои асосии он аз ҷониби муаллиф 55 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 18 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ нашр шудаанд. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикоси худро пайдо намудаанд.

Қаҳорзода Насимҷон Мазбут фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2008 дар Донишгоҳи илмҳои иҷтимоии шаҳри Маскав, ба ҳайси омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистика, солҳои 2012-2014 муаллими ҳамкори кафедраи фанҳои давлатӣ - ҳуқуқи факултети № 4 академияи ВКД ҶТ, солҳои 2015-2018 муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети № 4 академияи ВКД ҶТ, солҳои 2019-2020 дотсенти ҳамкори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятии факултети № 4 академияи ВКД ҶТ, аз 25 августи соли 2019 то 24 августи соли 2021 дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, аз 25 августи соли 2021 то 25 августи соли 2023 муовини декани факултети ҳуқушиносӣ оид ба илм, аз 26 августи соли 2023 то ҳол

мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолият бурда истодааст.

Соли 2019 дар назди Шӯрои дифои номзадӣ ва докторӣ Д. 12.18 567 дар назди Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Юсуф Баласагин ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Қирғизистон ба номи генерал- майор Э.А. Алиев, ки аз тарафи КОА Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ карда шудааст, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Основы состязательности в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: теоретико-правовой аспект» таҳти роҳбарии д.и.ҳ., профессор Сайфутдинов Т.И. бо муваффақият дифоъ намуда, соҳиби унвони илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ гардидааст.

Соли 2020 бо назардошти дастовардҳои ноилшуда дар самти илмию таълимӣ Қаҳорзода Н.М. бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ ғолиби озмуни дохили донишгоҳии «Олими соли 2020 дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ» гардидааст.

Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, таҳти № 2 ба Қаҳорзода Насимҷон Мазбут унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқ дода шудааст.

Тибқи қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2025 № 780 ба Қаҳорзода Насимҷон Мазбут аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Қаҳорзода Н.М. муаллифи ду китоби дарсӣ бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия гардида, 15 дастури таълимӣ-методӣ, се монографияи илмӣ ва зиёда аз 115 мақолаи илмӣ мебошад.

Барои иштироки фаъолона дар чорабиниҳои факултет, донишгоҳ ва берун аз он бо ифтихорномаи Вазорати маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифтихорномаи иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илмӣ вилояти Суғд, сипосномаи Кумитаи иҷроияи ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, сипосномаи ректори донишгоҳ ва факултет сарфароз гардонида шудааст.

Оиладор, соҳиби чор фарзанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбутдар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ буда, самти нави пажуҳиши илмиро ифтитоҳ намудааст, ки умедбахш мебошад. Дараҷаи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя манзур шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию назариявӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамояд.

Дар маҷмуъ, дастовардҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомоти судӣ ва таъмини иштироки тарафҳо дар баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ аҳаммияти муҳим дорад. Зеро дар доираи таҳқиқот масъалаҳое мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки дар илм, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ баҳснок арзёбӣ шуда, ниёз ба ҳалли дурусти он мавҷуд мебошад.

Тавсияҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшударо мумкин аст барои таҳия намудани барнома ва консепсияҳои рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ васеъ истифода намуд. Дар баробари ин, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар раванди такмили ихтисоси кормандони судӣ, таълими ҳуқуқӣ ҳамчун барномаи корӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Суханони зикргардида ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти анҷомёфтаро возеҳу равшан менамояд.

**Ҳамин тавр,** ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод

шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Қаҳорзода Насимҷон Мазбут сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи**
**судӣ ва назорати прокурории**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Искандаров З.Ҳ.**

**Имзои З.Ҳ. Искандаровро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ**
"19" 11 с. 2025 **Тавқиев Э.Ш.**


**Суроға: 734021, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17**
**Телефон.: (+992) 907967476; (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10**
**Факс: (+992-37) 227-15-10**
**Email: info@tnu.tj**